**“Тасдиқ менамоям”**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”, доктори
илмҳои таърих, профессор

____________Усмонзода Аюб Ислом

“_16_” _августи_ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шарипов Қаҳрамон Баҳромович дар мавзуи “Асосҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 - Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (таҳсилоти касбӣ).**

Сатҳу сифати таълим ва арзёбии дастовардҳои натиҷаи таълими донишҷӯён ва таваҷҷуҳ ба онҳо дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ яке аз масъалаҳои муҳими пешравии таҳсилот ва тайёрӣ барои фаъолияти ояндаи онҳо мебошад. Дар робита ба ин санҷиш ва баҳогузории сатҳи дониш, ташаккули маҳорату малакаи донишҷӯён ҷузъи муҳими таркибии раванди таълим буда, мувофиқи принсипи пайдарҳамӣ дар тамоми давраи таълим баргузор карда мешавад.

Назорати дидактикӣ ҳамчун як шакли таълим бояд хусусияти возеҳи таълими инкишофдиҳанда дошта, бо худназорат алоқаманд бошад ва аз ҳама муҳим барои худи донишҷӯ зарур ва муфид маҳсуб ёбад. Мақсади арзёбии сифати азхудкунӣ аз пешниҳоди баҳодиҳии самаранокии корҳои таълимӣ барои таъмини иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот дар ҳама зинаҳои таҳсилот мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии дисертатсияи мазкур амалигардонии болоравии сатҳи сифати таълим бо истифода аз шаклҳои гуногуни арзёбӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилоти муассисаи таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар шароити имрӯзаи талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ ва хеле зарур мебошад. Бояд қайд кард, ки мавзуи таҳқиқ дар шароити имрӯза аз лиҳози илмӣ кори таҳқиқотии мубрам ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобшуда ва матни бобу фаслҳои рисолаи илмӣ барои такомул ва рушди методҳои арзёбӣ ба савияи донишу маҳорат ва малакаю қобилиятҳои донишҷӯён мусоидат менамояд. Муҳим будани ҳалли ин масъала ва зарурати такмилу тавсияи сифати таълими илмҳои дақиқ ва риёзиро Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қабули Барномаи давлатии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (фармони №1445, аз 31 январи соли 2020) асоснок намудааст.

Аз ин дид, қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои илмии ба дастомада ва хулосаи озмоишҳои педагогию психологии муаллифи диссертатсия ба талаботи ҳаёт ва замони муосир мувофиқ буда, дар шакли таҳқиқоти алоҳида баррасӣ намудани масъалаи мазкур тақозои замон аст.

Ба ҳалли масъалаи низоми холгузорӣ чун усули нави арзёбӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ корҳои олимони хориҷию ватанӣ аз ҷумла В.С. Аванесов, Б.Г. Ананйев, В.И. Байденко, В.А. Гусев, В.И. Звонников, В.Я. Ковалчук, М.Ю. Мамонтова, М.П. Нечаев, А.И. Пискунова, Л.С. Рязанова, М.В. Тяпкина, М.Б. Шашкина, И.А. Ширшова, Н.Е. Шуркова, А.А. Аксенова, Е.П. Бакай, В.П. Беспалко, А.М. Борисова, Е.В. Вальчук, О.В. Гурянова, Ю.Б. Дроботенко, Р.Р. Кабиров, М.А Кейв, Ф.В. Костылев, А.А. Кузнетсов, Т.П. Ф.С. Комилов, Ҳ. Маҷидов, М. Маҳкамов, Р.Р. Мирзоев, А.П. Назаров, Ҷ.Б. Насимова, М. Нугмонов, Ф.К. Раҳимов, У. Умаров ва дигарҳоро номбар кардан мумкин аст. Ҳамаи муҳаққиқони номбурда истифодаи низоми шаклҳои арзёбиро дар раванди таълим мусбат арзёбӣ кардаанд.

Дар муқаддимаи дисертатсия тавсифи умумии таҳқиқот манзур шудааст, ки дар он оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи он бо барномаҳо ва ё мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ ва мавзуи он, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ҳимояшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи дисссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст, ки онҳо ба талаботи қоидаи таҳияи муқаддимаи диссертатсияҳо мувофиқ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** баррасии масоили асосҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ маҳсуб меёбад. Аз муоина ва таҳлили рисола бармеояд, ки муаллиф ба иҷрои мақсад вазифаҳои гузошташуда ноил гаштааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** - консепсияи системавии таълим, назарияи донишандӯзӣ, асосҳои дидактикию психологии таълим, асосҳои назариявию методологии таълими математика, корҳои илмӣ-методии педагогҳо, психологҳо ва методистони соҳаи методикаи таълими математика, назарияи инкишоф ва такомули шахсият, методологияи равобити байнифаннӣ, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ (консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, иттилоотонии таҳсилот ва ғ.), стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи таҳсилотӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаи таълимӣ ё барномаи корӣ (силлабус) ва коркардҳои назариявии соҳаи педагогикаи муосир ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ - донишҷӯёни гурӯҳҳои академии ихтисосҳои факултети математика ва информатика: 1-020501 - Математика, 1-020503-02 - Математика-информатика, 1-020503-01 - Математика-физика, 1-020503 – Математика-нақшакашӣ ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент -

донишҷӯёни ихтисоси 1-020503-02 - Математика-информатика. Дар озмоишҳои педагогӣ 410 нафар донишҷӯ ва 22 нафар омӯзгор иштирок доштанд.

Дар рафти таҳияи диссертатсия ва гузаронидани озмоишҳои педагогию психологӣ муҳаққиқ ба амалӣ намудани як қатор **навгониҳои илмии** зерин муваффақ шудааст:

– масъалаи арзёбии натиҷаҳои таълим, ҳамчун проблемаи илмӣ, бори аввал дар шакли диссертатсияи илмии ҷудогона бо истифода аз усулҳои навтарини таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифт;

– самтҳои асосии истифодаи санҷишҳо ва дастовардҳо барои амалӣ намудани шаклҳои гуногуни арзёбӣ дар раванди омӯзиши методикаи таълими математика муайян гардиданд;

– ҷузъҳои асосӣ дар комплекси арзёбӣ, таносуб ва вобастагии онҳо муайян карда шуданд;

– татбиқи шаклҳои гуногуни арзёбӣ барои омӯзиши методикаи таълими математикаи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ муайян карда шуданд;

– хусусиятҳои тартиб додан ва амалӣ намудани супоришҳои тестӣ, санҷишҳои хаттию шифоҳӣ барои омӯзиши методикаи таълими математика дар донишгоҳи педагогӣ ошкор ва амалан санҷида шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– асосҳои назариявии арзёбӣ ҳамчун ҷузъи муҳими фаъолияти таълимии субъектҳои таҳсилот (омӯзгор ва донишҷӯ) дар омӯзиши методикаи таълими математикаи муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ;

– таҳлили манбаъҳои мавҷуда оид ба проблемаи тадқиқот дар самти асосҳои психологӣ-педагогӣ ва методии арзёбии раванди таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ;

– шаклҳо ва методҳои баргузории арзёбиии раванди таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот ва болоравии сифати таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ;

– хусусиятҳои методии амалигардонии болоравии сатҳи сифати таълим бо истифода аз шаклҳои гуногуни арзёбӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилоти муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ;

– баррасии натиҷаи озмоишҳои педагогӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки бори аввал ақидаҳои илмии муҳаққиқони хориҷию ватанӣ дар шакли яклухт бо нишон додани хусусиятҳои татбиқшавандагӣ, муваффақияту нуқсонҳо дар қиёс бо шаклҳои гузаштаву муосири арзёбии натиҷаҳои таълим, ки ба болоравии сатҳи азхудкунӣ ва сифати таълим дар шароити кунунӣ мусоидат мекунанд, дар шакли тавсияҳои методӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ манзур мегардад. Принсипҳои методологии дар ин таҳқиқот ифодаёфта барои дурусту саҳеҳ ва ба таври асоснок ташхис намудани натиҷаҳои фаъолияти педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ заминаи заруриро фароҳам меоваранд. Равишҳои назариявии дар таҳқиқот коркардшударо дар соҳаҳои педагогика, психология ва методикаи таълими математика мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи диссертатсияи мазкур дар он аст, ки ӯ мавзуъро ҳамчун проблемаи таҳқиқ дуруст интихоб карда, адабиёти илмию назариявӣ ва амалии зиёдеро оид ба соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими математика, ки аз ягон ҷиҳат бо масъалаи арзёбии натиҷаҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ муносибат доранд, ошно шудааст; дар истифодаи дурусти методҳои таҳқиқ; дар исбот намудани мулоҳизаҳои назариявӣ зимни гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, дар ташкили мубоҳисаи илмӣ ва муқоисаи ақидаҳо, манзур намудани мавқеи худ дар коркарди методии истифодаи роҳҳо, шаклҳо ва методҳои арзёбӣ бо риояи ҷиддии сохтори кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар шакли яклухт мушоҳида карда мешавад.

Диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», се боб ва зербахшҳо бо хулосаҳо, «Натиҷаи ниҳоӣ», «Рӯйхати адабиёт» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаб» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 189 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчинӣ шуда иборат буда, 12 расму диаграмма ва 12 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 196 номгӯй мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявии арзёбии раванди методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ**" муаллиф мубоҳисаи илмӣ ороста, нуқтаи назари муҳаққиқони зиёдеро муҳокимаву муқоиса намуда, андешаҳои прогрессивии онҳоро дастгирӣ кардааст. Дар бисёр мавридҳо ба андешаи муаллифони дигар розӣ нашуда, роҳи дурусти амалӣ намудани шаклу намудҳо ва навъу методҳои арзёбиро, ки дархӯри замони муосир аст, пешниҳод кардааст. Ҳамзамон дар хусуси ҷорӣ гардидани низоми таҳсилоти кредитӣ дар мамолики Аврупо, Осиё, Амрико ва кишварҳои собиқи ИДМ, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафтааст.

Боби дуюми диссертатсия "**Методикаи арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ**" унвон дошта, дар фаслҳои он масъалаҳои хусусиятҳои методии ташаккулдиҳии сатҳу сифати таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот мавриди таҳқиқ қарор додааст. Инчунин дар мисоли ихтисосҳои математикии ДДОТ ба номи С.Айнӣ, ки яке аз муассисаҳои асосӣ ва заминавии омода намудани мутахассисони соҳаи педагогӣ маҳсуб меёбад, бо истифода аз таҷрибаи ғуншуда доир ба истифодаи шаклҳои рангоранги арзёбӣ, ки ҳадафи он болоравии сатҳи азхудкунӣ ва беҳтар гардидани сифати таълим мебошад, таҳлилу ташхиси педагогӣ гузаронида шудааст. Дар ин боб татбиқи методи нави арзёбии дониш ва салоҳиятҳо – методи Пулот мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби сеюми кор, ки "**Озмоиши педагогӣ ва натиҷагирии он**" номгузорӣ шудааст, хусусияти амалӣ дошта, дар он натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ инъикос ёфтааст. Озмоиши педагогӣ миёни омӯзгорону донишҷӯён дар асоси анъанаҳои мавҷуда дуруст гузаронида шудааст.

Дар диссертатсия таҷрибаи шахсии фаъолияти касбии омӯзгорону методистони соҳаи педагогика, психология ва математика ва методикаи таълими

он, таҷриба ва мушоҳидаҳои фардии муаллиф оид ба арзёбии раванди таълим ва баланд бардоштани сифати таълим, ташаккули маҳорату малакаи касбии ташкили фаъолияти самарабахш низ дарҷ ёфтааст.

Озмоиши педагогӣ дар байни донишҷӯён аз фанҳои сикли математикӣ ва методикаи таълим санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи фаъолияти донишҷӯён дар шароити низоми кредитии таҳсилот, вобаста ба хусусияти фан бо-истифода аз супоришҳои тестии пӯшида, мувофиқоварӣ, кушода, интихоби пайдарпайӣ, пурсиши шифоҳӣ ва хаттӣ дар ихтисосҳои математикӣ гузаронида шудааст.

Аз натиҷаи корҳои ба анҷомрасида бармеояд, ки муқоисаи натиҷаи гурӯҳҳои озмоишии назариявӣ ва таҷрибавӣ баҳри ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии донишҷӯён дар вақти имтиҳони тестӣ ё тестӣ-электронӣ тавассути компютер танҳо ба дониши донишҷӯён баҳо гузошта мешавад, аммо маҳорату малака, қобилият ва дигар навъҳои фаъолияти донишҷӯён дар дарс ҳангоми имтиҳони ҷамъбастӣ ба назар гирифта намешавад.

Методҳои санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳои донишҷӯён дар шакли шифоҳӣ вақти хеле зиёди омӯзгорро талаб мекунад, зеро имтиҳони шифоҳӣ мустақилона бо ҳамаи донишҷӯён ё бо гурӯҳи хурди донишҷӯён гузаронида мешаванд. Қабули имтиҳони шифоҳӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки комёбиҳои шахсии донишҷӯ ва муваффақиятҳо ҳамчун подош барои саъю кӯшиши ӯ дар омӯзиши фан дода шавад, ки ин боиси баланд гардидан сатҳу сифати таълиму тарбия ва ҳавасмандии донишҷӯён мегарданд.

Арзёбии электронӣ низ як навъи санҷиш дар раванди таълим буда, бо истифода аз воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ва барномаҳои компютерӣ натиҷаҳои кори донишҷӯён аз ҷониби барномаи компютерӣ санҷида мешавад. Тавассути барномаи компютерӣ ё таҷҳизоти дигари техникӣ омӯзгор дар бораи натиҷаҳои фаъолияти худ ва донишҷӯён бохабар мешавад. Донишҷӯ дар бораи пешрафти фаъолияти худ маълумот мегирад. Барои муайян намудани сатҳи дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён аз шакли шифоҳӣ истифода мебаранд, ки аз ҷониби омӯзгор арзёбӣ карда мешавад. Донишҷӯён дониш, малака ва маҳорат пайдо карда, онро дар фаъолияти педагогии ояндаи худ истифода мебаранд. Шакли хаттӣ вобаста ба тарзи иҷрои мисолу масъалаҳо, сатҳи саводнокӣ ва ҳусни хати донишҷӯён арзёбӣ мегардад, ки барои дар оянда боиси ба таври мустақилона рушд ёфтани қобилияти иҷрои ҳалли мисолу масъалаҳо дар онҳо мегардад. Роҳҳои ҳалли масъалаҳои марбут ба раванди арзёбӣ дар фаслҳои диссертатсия дуруст нишон дода шудааст.

Натиҷаи озмоишҳои педагогӣ тасдиқ мекунанд, ки шаклҳо ва методҳои гуногуни арзёбӣ барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯ - омӯзгори оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот мувофиқи мақсад аст.

Аз номгӯйи адабиёти диссетатсия бармеояд, ки муҳаққиқ давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои зиёди ӯ (5 мақолаи тақризшаванда ва 21 мақола дар маҷалаҳои дигари илмӣ) оид ба масълаҳои арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика ва болоравии сатҳи сифати таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун унвонҷӯй

далолат мекунад. Дар баробари ин, иштироки муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақиляти назариявию методӣ ва амалии илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ишора мекунад.

Санадҳо оид ба татбиқи натиҷаҳои асосии диссертатсия мавҷуд аст, ки аз татбиқи корҳои илмӣ дар амалияи педагогӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тавр, дар диссертатсияи Шарипов Қаҳрамон Баҳромович дастовардҳои илмӣ назаррасанд. Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари кори таҳқиқотиро нишон дода, сохтораш ба талабот ва тавсияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст.

Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳо ва навгониҳои илмии кори таҳқиқотӣ, дар диссертатсия ва автореферати он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва нуқсонҳои ҷузъӣ ба чашм хӯрданд, ки ислоҳи онҳо, бешак, барои беҳтар гардидани қимати илмии диссертатсия ва автореферати он мусоидат хоҳанд кард. Ба хусус:

1. Хуб мебуд дар баробари методи Пулот боз аз методҳои хориҷиён дар корҳои таҳқиқотӣ бисёртар истифода мешуд.

2. Дар баъзе ҷойгоҳи диссертатсия калимаи проблема истифода шудааст, онро бояд бо мафҳуми муаммо иваз намоянд, беҳтар мешавад.

3. Доираи озмоишҳо шумораи бештари донишҷӯёнро фарогир бошад, боз сифати санҷиш беҳтар маълум мегардид.

4. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Қобили зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллиф аз уҳдаи банду басти илмии он комилан баромада, мавзуъ ҳалли ниҳоии хешро дарёфтааст. Бо назардошти чунин бартариҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дисертатсияи Шарипов Қаҳрамон Баҳромович бо номи “Асосҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ” таҳқиқоти судманди анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст.

Дар матни диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ бошад, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Кори илмии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика Шарипов Қаҳрамон Баҳромович дар мавзуи “Асосҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021 сол ва тағйиротҳо аз санаи 26.06.2023 с.) ҷавобгӯй мебошад ва ба пуррагӣ ба талабот барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 - Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (таҳсилоти касбӣ) мувофиқ аст. Муаллифи диссертатсияи мазкур Шарипов Қаҳрамон Баҳромович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Исломов Озод Азамович тартиб дода шудааст:

_______________ О.А. Исломов

Тақризи эксперт дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии факултети математикаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 28-уми июни соли 2024, суратҷаласаи №11 бо иштирок ва баромади довталаби дараҷаи илмӣ Шарипов Қаҳрамон Бахромович муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи васеи кафедра иштирок доштанд:

**Ҳамагӣ**: 22 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: “тарафдор” 22 нафар, “зид” нест, “бетараф” нест.

**Раиси ҷаласа:** Мудири кафедраи
методикаи таълими математика ва
технологияи иттилоотии
факултети математикаи
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Раҷабова С.Ҷ.

**Котиби ҷаласа:** — Латифӣ М.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” — Ҳусейнова З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1

Телефон (992-3422) 6-52-72, (992-3422) 675-18. E-mail:.hgu.tj